Барои ҳифзи Ватан, таҳкими Истиқлолият
ва амнияти миллӣ тайёрем!

# Родмардон

Садоқат ба Ватан дар хизмати намунавӣ, такмили пайвастаи донишу малакаи касбӣ, маданияти баланди коршиносӣ, ҷаҳонбинии солим, зиракиву ҷасорат, пос доштани арзишҳои миллӣ ва аз ҳама боло гузоштани манфиатҳои давлату миллат зоҳир мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон

№10(211)
30 октябри соли 2023

Нашрияи тарбияи ҳарбию ватанпарастии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Бузургӣ ва аҳамияти ин санади муҳими таърихӣ, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки он бори нахуст аз ҷониби худи халқ ва барои халқ бо роҳи ифодаи озодонаи майлу иродаи шаҳрвандони мамлакат қабул карда шудааст.*

*Эмомалӣ Раҳмон*

## КОНСТИТУТСИЯ —шоҳсутун ва муаррифгари давлату миллат

Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол шоҳсутуни асосии давлат ва давлатдории миллии тоҷикон мебошад, ки 6 ноябри соли 1994 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст. Нахустин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол истиқлолияти давлатии моро аз лиҳози ҳуқуқӣ расмӣ гардонид ва чун шиносномаи миллату давлати тоҷикон онро бо номи давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона расман ба ҷаҳониён муаррифӣ кард.

Бо қабули Конститутсия мардуми Тоҷикистон дар айёми ниҳоят ҳассоси таърихӣ бори дигар исбот кард, ки ҳеҷ гуна душвориву мушкилот наметавонанд сокинони сулҳдӯсту созандаи кишвари моро аз роҳи ҳақиқату ростӣ, бунёди давлати муосири миллӣ ва фаъолияти бунёдкорона берун созанд.

Конститутсия баробарии ҳамаро дар назди қонун эълон намуда, кафолати ҳуқуқу озодиҳоро ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва моликият ба дӯши давлат вогузор намудааст. Маҳз аз ҳамин хотир, қабули нахустин Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли мо рӯйдоди дорои аҳамияти бузурги таърихиву сиёсӣ буда, сарчашмаи соҳибистиқлолии миллат ва пойдории давлати миллӣ маҳсуб меёбад.

Дар муддати сипаригашта як силсила меъёрҳои усулии низоми демократӣ, аз ҷумла асосҳои демократии сохти давлатдорӣ, моҳияти дунявӣ ва иҷтимоии давлат, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, принсипи гуногунфикрии сиёсӣ, фаъолияти парлумони касбӣ, бунёдҳои ҳуқуқии ҷомеаи шаҳрвандӣ, дахлнозирии моликияти хусусӣ, таъмини адолати судӣ, баробарии ҳама дар назди қонун, асли озодии виҷдону эътиқод ва ғайра дар сатҳи Конститутсияи кишвар асоси устувори қонунӣ пайдо кард.

Бо дарназардошти ниёзмандиҳои сиёсӣ ҷомеаи Тоҷикистон ва мутобиқи талаботу пешрафти он солҳои 1999, 2003 ва 2016 дар асоси раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсия тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки барои пойдору устувор гардидани сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, ояғзи раванди татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат, аз ҷумла таъмини истиқлолияти энергетикиву озуқаворӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо бахшидани кишвар ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум шароити мусоид фароҳам овард.

22 майи соли 2016 мардуми шарифи Тоҷикистон бо истифода аз ҳуқуқи конститутсионии худ бори сеюм тавассути раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсия тағйиру иловаҳо ворид намуданд, ки онҳо матни ин ҳуҷҷати сарнавиштсозро такмил дода, нишонаи ба зинаи нави рушд ворид шудани Тоҷикистонро собит намуданд.

Ин раъйпурсӣ, ки дар фазои сулҳу суботи комил ва сатҳи баланди сиёсӣ баргузор гардид, бори дигар исбот сохт, ки мардуми Тоҷикистон соҳиби фарҳангу маърифати пешрафтаи сиёсӣ ва масъулияти баланди шаҳрвандӣ мебошанд. Имрӯз бо қаноатмандӣ метавон гуфт, ки ин санади сарнавиштсози таърихӣ манфиатҳои олии миллат ва давлати соҳибистиқлоламонро инъикос намуда, ба омили муҳимтарини кафолати устувории ҳаёти сиёсии ҷомеа мубаддал гардид.

Маврид ба зикр аст, ки Конститутсия аз як тараф, барои рушди давлати демократӣ ва таъсиси низоми самарабахши ҳокимияти давлатӣ заминаи ҳуқуқӣ гузошта, аз ҷониби дигар, барои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дар саросари мамлакат шароити мусоид фароҳам овард. Конститутсия ҳамчун муҳимтарин омили таъмини истиқлоли миллӣ ва якпорчагии кишвар тағйирнопазир будани шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлатро кафолат дода, халқи Тоҷикистонро сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эътироф намуд.




Воқеан, Конститутсия ҳамчун санади олии сиёсӣ барои амалӣ гардидани ҳокимият аз ҷониби халқ ва иштироки ҳар як шаҳрванд дар идоракунии ҷамъиятиву давлатӣ замина гузошта, баробарии ҳамаро дар назди қонун, таҷзияи ҳокимият, гуногунандешии сиёсиву мафкуравӣ, бисёрҳизбӣ ва фаъолияти озоди соҳибкориро дар кишвар кафолат медиҳад. Дар заминаи татбиқи бомароми меъёрҳои конститутсионӣ дар кишвари мо волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ, инчунин ифтихори милливу худшиносӣ ба сатҳи арзиши ҳамешагии ҷомеа бардошта шуд.

Мо дар даврони истиқлол бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд ба шарофати эҳтиром ва амалишавии меъёрҳои Конститутсия тавонистем ҷомеаи бунёд намоем, ки дар он фазои озоду демократӣ ҳукмфармо ва суботи сиёсиву ваҳдати миллӣ, пешрафти бемайлон ва пойдориву бардавомии имрӯзу ояндаи давлату миллат таъмин гардидааст, ки воқеан, мояи ифтихор ва сарфарозии ҳар як шаҳрванди ватандӯсти мамлакат ва дастоварди муҳимтарини даврони истиқлол арзёбӣ мегардад.

## Ҷаласаи ҳисоботӣ

Натиҷаҳои фаъолияти Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2023 ҷамъбаст гардид. Маҷлиси ҳисоботиро фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал - лейтенанти гвардия Бобоҷон Ҷамолзода оғоз намуд, ки дар он сардори Сарситод - муовини аввали фармондеҳи Гвардияи миллӣ, муовинони фармондеҳ, сардорони Раёсату шуъбаҳои алоҳида ва командирони қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллӣ иштирок доштанд.

Тибқи рӯзномаи ҷаласа ҳисоботи муовинони фармондеҳ доир ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, нақшаи ягонаи чорабиниҳои асосии Гвардияи миллӣ, фармону супоришҳо ва иҷроиши протоколҳои маҷлисҳои назди фармондеҳи Гвардияи миллӣ шунида шуда, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт.

Фармондеҳи Гвардияи миллӣ ҳисоботҳоро шунида, дар баромади худ иброз намуд, ки ҳарчанд нақшаҳои фаъолият дар ҳама самтҳо амалӣ шудаанд, вале тибқи дастуру супоришҳои Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вазъи ҳарбӣ-сиёсии ҷаҳон ва минтақа барои дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани омодабошии ҷангӣ, таъмини бехатарӣ ва пешбарии хизмат дар иншооти муҳими давлатӣ ҳанӯз кифоя нест. Аз ин лиҳоз, моро зарур аст, ки аз ҳодисаву рӯйдодҳои охир дар кишварҳои дуру наздик дарсу таҷриба андӯхта, идоракунии ҳайати шахсиро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монем. Ҳар як афсар, сарбоз бояд дар иҷрои вазифаҳои ҷангӣ бо масъулияти баланд, қобилияту маҳорати касбӣ муносибат намояд. Барои ин командирони сатҳу зинаҳоро зарур аст, ки дар ҳама ҷузъу томҳо интизоми ҳарбиро дар ҷойи аввал гузошта, таълимоти ҳарбиро мувофиқ ба талаботи замони муосир такмил ва сайқал диҳанд.

Ҳамчунин дар ҷаласа фармондеҳи Гвардияи миллӣ масъалаи қабулу ҷобаҷо намудани наваскарон, таъминоти онҳо бо сару либос, озуқаворӣ, шароиту имконияти мутобиқшавии онҳоро ба хизмат, омодагии ҷузъу томҳои Гвардияи миллӣ ба мавсими зимистони солҳои 2023-2024 ва монанди ин мавзуъҳоро мавриди баррасӣ қарор дода, ҳамчунин вобаста ба натиҷаҳои ҷаласа, фаъолияти Гвардияи миллӣ дар нуҳ моҳи соли 2023 дар назди масъулин ва командирони қисмҳои ҳарбӣ, аз ҷумла, дар самтҳои ситод, тайёрии ҷангӣ, корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ, аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ, ақибгоҳ ва дигар самтҳои муҳим вазифаҳои мушаххас гузошт.

Родмардон

# «Зарафшон–Қароқум», «Бешаи палангон» дар Феҳристи мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО

ХУШХАБАР!



Дар ҷаласаи 45-уми Кумитаи байниҳукуматӣ оид ба ҳифзи мероси моддии фарҳангии ЮНЕСКО, ки дар шаҳри Риёзи Арабистони Саудӣ баргузор шуд, ёдгории фарҳангии умумиҷаҳонии фаромилии Роҳҳои Абрешим: «Зарафшон-Қароқум» (ёдгориҳои Панҷакенти қадим, шаҳраки Санҷаршоҳ, қалъаи Ҳисорак, Гардани Ҳисор, Қалъаи Муғ, Қалъаи Қум, Тали Хамтуда, низоми обёрикунии Тоқсанкорез, Оромгоҳи Хоҷа Муҳаммад Башоро) ва «Ҷангали туғайи мамнуъгоҳи Бешаи палангон», воқеъ дар ҷануби Тоҷикистон ба Феҳристи мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардид.

Мамнуъгоҳи табиии давлатии «Бешаи палангон» аввалин мамнуъгоҳи табиии давлатии Тоҷикистон буда, бо мақсади ҳифзу нигоҳдории экосистемаҳои нодири биёбону туғайзор ва ҳайвоноти хоси он таъсис дода шудааст. Мамнуъгоҳи «Бешаи палангон» дар қисмати ҷанубу ғарби Тоҷикистон, дар минтақаи биёбон, дар байни дарёҳои Вахш, Панҷ ва Кофарниҳон дар сарҳади Афғонистон, дар саргаҳи бузургтарин дарёи Осиёи Марказӣ — Амударё воқеъ мебошад. Майдони умумии заминҳои Мамнуъгоҳи «Бешаи палангон» 49,7 ҳазор гектарро ташкил дода, ҳудуди онро майдони васеи экосистемаҳои биёбону туғайзор дар соҳили чап ва рости дарёи Вахш фаро мегирад. Ҳудуди Мамнуъгоҳи «Бешаи палангон» асосан дар марзи маъмурии ноҳияҳои Дӯстӣ, Қубодиён ва Ҷайҳуни вилояти Хатлон ҷойгир аст.

Ҷангали туғайи мамнуъгоҳи «Бешаи палангон» яке аз гӯшаи табиати зебои Тоҷикистон ва макони дорои асрори хосси табиии бисёрасраи эволютсионӣ буда, робитаи тарафайни олами наботот ва ҳайвоноти биёбони туғайзорро дар экосистемаи табиӣ дар худ таҷассум менамояд. Мамнуъгоҳи «Бешаи палангон» ва ҷангали туғайи он то ҳол ҳолати табиии худро дигар накардааст ва дар ҳудуди он намудҳои нодир ва дар ҳолати маҳвшавӣ қарордоштаи олами набототу ҳайвонот ҳифз ва нигоҳдорӣ мешаванд.

*Оинаи иқбол аст, оини ҷавонмардон,*
*Ин қалъаи нанги мост, мо худ сипари онем!*

# ХАЙРБОД БО ЛИВОИ ҶАНГӢ

***Волотарин меъёри ватандорию ватандӯстӣ ба ҷо овардани хизмати ҳарбӣ ва дар ҳама ҳолат ҳифзу мудофиаи марзу буми сарзамини аҷдодӣ, саҳм гузоштан дар пешрафту ободии он ва садоқат ба миллату давлати соҳибистиқлол мебошад.***

Ин ҷавонони боғайрату қавиирода, ки мӯҳлати муқарраргардидаи хизмати ҳарбиро тибқи даъват дар сафҳои Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додаанд, имрӯз бо ифтихору сарбаландӣ, бо рутбаҳои ҳарбӣ, мактубҳои миннатдорӣ ва ифтихорнома барои хизмати намунавӣ ба назди волидону наздикон бармегарданд.

Сержантону сарбозонеро, ки муҳлати муқарраргардидаи хизмати ҳарбиро анҷом доданд. Сардори Сарситод-муовини аввали фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-майори гвардия Ализода Ҷонибек табрик карда, бароящон дар зиндагӣ барору комёбӣ таманно намуд. Албатта, онҳо шоистаи таҳсинанд, ки хизмати Модар-Ватанро аз ҳама манфиатҳо боло гузошта, қарзи фарзандии хешро назди имону виҷдон иҷро карданд. Чуноне ки худи сарбозон таъкид карданд, аз ин лаҳза онҳо барои имрӯзу фардои на танҳо худ, балки волидону наздикон, ҳифзи муқаддасоти кишвар, мудофиаи марзу буми Ватани маҳбуб масъулияти дучанд ба зимма доранд ва дар ин ҷода хизмати ҳарбӣ барои мустақил ва ҷавонмарди комил шуданашон нақши муҳим бозидаст.

Баъд аз хизмати ҳарбӣ боварияву эътимод ба ин ҷавонмардон хеле зиёд мешавад. Онҳо ҷавонони машқдидаву озмуда ва аз лиҳози тарбия дар рӯҳияи арзишҳои волои инсонӣ- дӯстдоштани Модар-Ватан, садоқат ба халқ, ба савганди ҳарбӣ, ҳувияти миллӣ устуворанду ба хизмати халқу Ватан дар самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, содиқона қадам мегузоранд.

Дар ҷамъомад чанде аз беҳтарин сержантҳо аз қисмҳои ҳарбии гарнизони шаҳри Душанбе дар ҳузури ҳайати фармондеҳӣ ва сарбозони навдаъватшуда сухан карда, аз лаҳзаҳои беҳтарин ва аҳамияти хизмати ҳарбӣ таассуроти худро баён карданд.

Маросими хайрбод қисмати фараҳбахшу хотирмони ҷамъомад гардид. Сержантону сарбозон бо яке аз муқаддастарин нишонҳои хизмати ҳарбӣ-Ливои ҷангӣ, ки ҳамеша ҳамсафу фахри онҳо аст, хайрбод гуфтанд.

Ҷамъомади тантанавиро расми гузашти низомӣ анҷом бахшид, ки хизматчиёни ҳарбии ба эҳтиётрухсатшуда аз назди ҳайати фармондеҳӣ бо ифтихору сарбаландӣ қадам заданд.



# БО АЗМУ ИРОДАИ ҚАВӢ

***Сарбози қобил, доно, ҳушманд, бофарҳангу бомаърифат ҳарчи зудтар мавзӯъ, қоидаҳои асосиро аз бар мекунад. Ҳамчун хизматчии ҳарбӣ барои пешбарӣ, иҷрои вазифаҳо тайёр мешавад. Нафарони кундзеҳну танбал ба мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ мешаванд. Вале хизмати ҳарбӣ онҳоро зуд ба саф бармегардонад, зеро дар Артиш чунин шиорҳо амал мекунанд: Наметавонӣ, ёд медиҳем. Намехоҳӣ, боз ҳам ёд медиҳем.***

Ҳифзу мудофиаи Ватан оини ҷавонмардон ва шарафу номуси ватандорӣ аст. Маҳз ҳамин ифтихор имрӯзҳо садҳо ҷавононро ба хизмати ҳарбӣ дар сафҳои Артиши миллии Тоҷикистон ҷамъ овардааст. Мувофиқи маълумоти шуъбаи ташкилӣ ва сафарбарии Сарситод то 30 октябри соли соли равон нақшаи даъват дар Гвардияи миллӣ 92 фоиз иҷро гардид. Мавсими даъвати наваскарон, таъминот, шароити таълиму тарбия ва истироҳату фароғати онҳо таҳти назорати фармондеҳи Гвардияи миллӣ қарор дорад.

Нақшаву барномаҳои таълимии ҳайати шахсии Маркази тайёрии кадрҳои Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазаму пайи ҳам сурат мегирад. Ба қавле дар ин макони таълимоти ҳарбӣ ва тарбияи мутахассисони зинаҳои гуногуни хизмати ҳарбӣ вақти нафас рост кардан ҳам нест. Чанд рӯз пештар афсарону устодони Маркази тайёрии кадрҳо мутахассисони хурдро омода карданд, ки баъди аз худ намудани барномаи мукаммали таълимӣ барои идомаи хизмат ба ҷузъу томҳои Гвардияи миллӣ фиристода шуданд. Айни замон Маркази тайёрии кадрҳо ба қабулу ҷобаҷогузории наваскарон машғул аст. Мувофиқи анъана ва тартиби хизмат ҳар як гурӯҳи наваскаронро сардори марказ қабул карда, бо онҳо суҳбат мегузаронад. Ҳарчанд саволҳо бисёр оддӣ бошанд ҳам дар навбати аввал барои таҳлил маълумоти хубанд. Чун ҳамешагӣ сафи ихтиёриён хеле зиёд буда, аксарият бо азму иродаи қавӣ ва рӯҳияи баланди ватандӯстӣ хизмати ҳарбиро дар Гвардияи миллӣ интихоб кардаанд. Ҷавононе, ки баъд аз хатми муассисаҳои таълимӣ, яъне бо маълумоти олӣ ба хизмат омадаанд, кам нестанд. Сардори Маркази таълимӣ баъд аз суҳбат ва шиносоӣ ба наваскарон барои хизмати софдилона, риояи тартибу интизом ва омӯзиши таълимоти ҳарбӣ муваффақият таманно кард.

Аз лаҳзаи ба марказ ворид шудани наваскарон нақшаи чорабиниҳо оғоз мешаванд. Аз шустушӯ ва гирифтани пӯшок ва расидан то рахти хоб, аллакай вақти хӯроки шом мешавад. Аз рӯзи дигар барномаи таълимӣ оғоз мегардад. Наваскарон дар муддати муайян қоидаҳои умумӣ ва талаботи асосии Оинномаҳо ва дигар фанҳои муҳимро аз худ мекунанд. Дар баробари ин ба қабули Савганди ҳарбӣ омода мешаванд. Дар ҳама ҳолат омода ва мутобиқ шудани наваскар ба хизмати ҳарбӣ аз худаш вобастагӣ дорад.

Хайринисо КОМИЛЗОДА



# Машғулият, баҳаморӣ ва идоракунӣ

*Вазъи имрӯзаву шароити пешгӯинашавандаи ҷаҳон мо хизматчиёни ҳарбиро водор мекунад, ки пайваста аз роҳу воситаҳо, силоҳу муҳимоти муосири ҷангӣ пурсамар истифода намуда, маҳорати ҷангии хешро сайқал диҳем. Мудофиаи кишвар ва ҳифзи марзи давлатиро бо доштани тайёрии ҷангӣ ва иродаи қавӣ таъмин созем. Зеро аз таҳдиду хатарҳои терроризму экстремистӣ ягон давлату миллат эмин буда наметавонад. Чуноне ки олимони давр мегӯянд, бештар аз ҳамватанони мо, дигар дар олам касе мисли худи мардуми Тоҷикистон барои субот, амният ва рушди кишвари мо манфиатдор нест.*







Дар асоси нақшаи ягонаи чорабиниҳои асосии Гвардияи миллӣ бо мақсади баланд бардоштани маҳорату малакаи касбии ҳайати шахсӣ, баҳамории онҳо дар шароити гуногун хизматчиёни ҳарбӣ-афсарони раёсату шуъбаҳои фармондеҳӣ ба машқҳои амалии саҳроӣ ҷалб гардиданд. Машғулиятҳо аз тақсими нуктаҳои таълимӣ оғоз гардид. Роҳбарони машғулият оид ба риояи техникаи бехатарӣ ҳангоми муносибат бо силоҳ, муҳимоти ҷангӣ, тайёрии тактикӣ, тайёрии оташфишонӣ ва муҳандисӣ, маҳалнигорӣ ва алоқа, тайёрии тиббӣ-ҳарбӣ маълумот дода, чанде аз амалҳоро ба таври намунавӣ намоиш доданд. Иҷрои аксарияти машғулиятҳо дар вақти муайян, аз рӯи меъёр сурат гирифт. Ба қисмҳо ҷудо ва ҷамъ кардани силоҳ, оташфишонӣ аз онҳо, иҷрои чанде аз дигар амалҳои тайёрии тактикӣ бо нишондодҳои хуб ҷамъбаст гардиданд. Дар машғулияти амалии оташфишонӣ аз автомати Калашников ва туфангчаи Макаров аксарият хизматчиёни ҳарбӣ баҳои баланд гирифтанд.



Аз санаи 26 то 27 октябри соли равон машғулиятҳои фармондеҳӣ-ситодӣ бо командир, муовинони командир ва сардорони шуъбаву хадамотҳои қисми ҳарбии 051055 доир карда шуд. Машқи фармондеҳӣ-ситодиро муовини аввали сардори Сарситод ба роҳбарӣ гирифта, тибқи нақша ба масъулини қисми ҳарбӣ вазифаи ҷангӣ ва амали ҳайати шахсиро дар асоси ҳуҷҷатҳои роҳбарикунанда таҳлил ва баррасӣ намуд. Пас аз иҷрои самтҳои асосии машқи фармондеҳӣ-ситодӣ, ки дар вақти муайяншуда баргузор гардид, сардори Сарситод- муовини аввали фармондеҳи Гвардияи миллӣ натиҷаҳоро баҳогузорӣ карда, барои баланд бардоштани маҳорати ҳайати роҳбарикунанда,пайдарҳамӣ ва баҳамории амалҳо дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Мувофиқи барнома ва нақшаҳои таълимии раёсати тайёрии ҷангии фармондеҳӣ машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ дар ҳайати ротаву баталёнҳо идома дорад. Командирони сатҳу зинаҳои гуногун кӯшиш мекунанд, ки ҳайати шахсӣ машғулиятҳоро дар сатҳи зарурӣ аз худ намоянд. Ҳайати шахсии қисми ҳарбии 051054, ки ҳифз ва ҳимояи иншооти муҳими давлатиро ба зимма доранд, пайваста маҳорату малакаи касбии худро вобаста ба тартиби пешбарии хизмат такмил медиҳанд. Роҳбарияти қисми ҳарбӣ дар машғулиятҳои назариявӣ, методӣ ва дастурӣ аз маҷмуи адабиёту барномаҳои таълимӣ ва таҷрибаи корӣ истифода бурда, ҳайати шахсиро ба иҷрои намунавии вазифаҳо, супоришу ӯҳдадориҳо омода мекунанд. Риояи қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми муомила бо силоҳ дар мавқеи хизмат, иҷро намудани талаботи оинномаҳои ҳарбӣ ва дигар дастуру супоришҳои ҳайати роҳбарикунанда вобаста ба хусусияти пешбарии хизмати қаровулӣ аз мавзуъҳои асосии машғулиятҳои таълимии онҳо мебошад. Ҳамчунин, ҳайати шахсии қисми ҳарбӣ пайваста маҳорату малакаи касбии хешро дар машғулиятҳои оташфишонӣ аз силоҳи штатӣ дар машқгоҳи саҳроӣ сайқал медиҳад.

Машғулиятҳои гуногуни саҳроӣ бо воҳидҳои алоҳидаи таъиноти махсус тибқи нақша идома доранд. Аз ҷумла, ҳайати шахсӣ амалҳои гуногуни ҷангиро дар шароити куҳсор ва шаҳрак таҳти назорати роҳбарони машғулият аз худ мекунанд. Дар рафти машғулият маълум шуд, ки дар майдони ҷанг ҳолату вазъи дигар ба миён меояд ва дар ҳама ҳолат ҳушёриву зиракии хизматчиёни ҳарбӣ ва маҳорати баланди ҷангӣ бурду бохт ва ҳаёту мамоти минбаъдаи онҳоро муайян мекунад. Чуноне ки имрӯзҳо ба воситаҳои ахбор мебинем, дар нуқтаҳои даргири дунё бештари ҳолат, ҳатто шумори қувваву восита аҳамияти худро гум мекунад, яъне боз ҳам амали саривақтӣ ва доштани ҷасорату ғайрат муҳим аст. Дар рафти машғулиятҳо ҳайати шахсӣ истифодаи воситаҳои алоқа ҳангоми амал, безарар гардонидани нақлиёти душмани шартӣ ва нобуд намудани қувваи зиндаи онро дар ҷанги рӯ ба рӯ амалӣ нишон доданд. Қобили зикр аст, ки дар аввал ҳар як амалро гурӯҳҳо дар якҷоягӣ, сипас дар алоҳидагӣ машқ карда, қобилияти ҷангии хешро такмил доданд. Машғулиятҳо ҳамарӯза бо гузаронидани таҳлилу баррасии мавзӯъ, баҳогузории амали ҳайати шахсӣ дар марҳилаҳо анҷом меёбад.





Айни замон ҷузъу томҳои воҳидҳои артиллерӣ дар машқгоҳҳои саҳроӣ қарор дошта, тибқи барномаи таълимӣ машғулиятҳои оташфишонӣ анҷом медиҳанд. Омодагии баланди ҷангӣ ва азму иродаи ҳайати шахсии воҳидҳои артиллерӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки машқҳои тирпаронӣ бе камбудӣ анҷом ёфта, натиҷаҳо низ хуб арзёбӣ мешаванд.

Чуноне ки ба ҳамагон маълум аст, идоракунии ҳайати шахсӣ дар ҳама ҳолат тариқи алоқаи ҳарбӣ бароҳ монда мешавад. Иҷрои вазифаҳои ҷангӣ ва самарабахш анҷом додани машғулиятҳои тактикиву маҳалнигорӣ аз истифодаи дурусти алоқа ва бо маврид расонидани амрҳо тариқи радиодастгоҳҳо вобастагии амиқ дорад. Аз ин лиҳоз, алоқаи ҳарбӣ ҳамчун самти муҳимтарин дар хизмати ҳарбӣ дониста шуда, пайвата ба ин самти афзалиятноки хизмати ҳарбӣ диққати ҷиддӣ равона карда мешавад.




Аз 23 то 25 октябри соли равон ҷамъомади навбатии сардорони хадамоти алоқаи қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллӣ доир карда шуд, ки дар он садори шуъбаи алоқаи Сарситод тартиби истифодаи алоқа вобаста ба шароити имрӯза, кор бо харитаҳо, радиодастгоҳу таҷҳизоти муосирро барои истифодаи командирону сардорон намоиш дод.

Машғулиятҳои таълимӣ бо дигар ҷузъу томҳо муташакилона ҷараён дорад.



Капитани гвардия
Неъматуллои ХОЛИҚ

Аз фаъолияти КВД “Хоҷагии ёрирасон”

# Таъминот хуб аст, тадбирҳо каманд

***Таъминот хуб аст. То ба сарбозон бе камбудӣ ва бо сифат расонидани маҳсулот, хӯрок аз тадбиру тартиби кори шахсони масъул вобастагӣ дорад. Бо супориши фармондеҳи Гвардияи миллӣ дар қисмҳои ҳарбӣ комиссияи алоҳида ташкил карда шудааст, ки сифату миқдори озуқаи ба дегу дастурхони сарбозон ҷудошударо таҳти назорат қарор медиҳанд. Ба ҳайати ин комиссия аз раёсату шуъбаҳои пешбари фармондеҳӣ ва қисмҳои ҳарбӣ шахсони ваколатдор шомиланд, ки мўшикофона ҳамарўза фаъолияти ошхона, масъулини ақибгоҳро назорат мекунанд ва то имрўз дар ин самт ягон камбудӣ ба қайд гирифта нашудааст.***

***Албатта, адлу инсоф, покизагии дасту қалб кори инсони комил, яъне шахсони боимон мебошад, ки ҳамеша дар пайи луқмаи ҳалол барои фарзандон, оила ва оиндаи Ватан хизмат мекунанд.***

Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии мамлакат барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024 дар Гвардияи миллӣ нақшаи чорабиниҳо амалӣ карда шудааст. Корҳои анҷомдода ва тайёрӣ ба зимистонгузаронӣ аз тарафи ҳайати фармондеҳӣ мавриди таҳлилу санҷиш қарор дода шуд. Дар ҳама ҷузъу томҳои Гвардияи миллӣ хобгоҳу ҷойҳои бурдани хизмати шабонарӯзии ҳайати шахсӣ барои зимистонгузаронӣ омода карда шудаанд. Ҳарчанд бештари хобгоҳу синфхонаҳои қисмҳои ҳарбӣ бо таҷҳизоти барқӣ гарм карда мешаванд, вале масъулини қисмҳои ҳарбӣ то имрӯз дар асоси нақшаҳои тасдиқгардида чорабиниҳои асосиро анҷом дода, ҳезуму ангишти заруриро захира кардаанд. Айни замон Раёсати ақибгоҳи Гвардияи миллӣ аз хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳезум ва ангишт харидорӣ карда, дар анборҳои қисмҳои ҳарбӣ захира кардаанд. Ин нишондод барои иҷрои нақшаи соли равон 100 фоизро ташкил медиҳад.

Мувофиқи маълумоти Раёсати ақибгоҳи Гвардияи миллӣ то 1 - уми октябри соли равон дар анборҳои марказӣ ва қисмҳои ҳарбӣ 312 тонна картошка, 33 тонна пиёз, 22 тонна каду, 2,6 тонна қайлаи помидор, 13 тонна мурабо, 6 тонна афшураи меваҳо захира карда шудааст. Сабзавоту полезии мазкур аз хоҷагиҳои ёрирасони назди қисмҳои ҳарбӣ ва Корхонаи воҳиди давлатии “Хоҷагии ёрирасони”-и Гвардияи миллӣ ҷамъоварӣ гардидааст. Барои босифати хуб ва то муҳлати муайянгардида нигоҳубин кардан ва расонидани сабзавоту полезӣ ба қисмҳои ҳарбӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Масъулини ақибгоҳ дар самти хоҷагидорӣ, захира намудани сабзавоту нигаҳдории он таҷрибаи кофӣ доранд. Аз ин рӯ, бо боварӣ изҳор доштанд, ки нақшаҳои пешбинишуда иҷро шуданду сифати маҳсулот ҳам мисли соли гузашта хуб аст. Мувофиқи дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарияти қисмҳои ҳарбӣ барои бе душворӣ паси сар кардани фасли зимистон ҳар як порча заминро самаранок истифода бурда, тобистон ҳайати шахсиро бо маҳсулоти тару тоза таъмин карда, ҳам барои зимистон захира карданд.



Дар назди КВД “Хоҷагии ёрирасон” фермаи чорво амал мекунад, ки хоҷагидорон дар давраи ҳисоботӣ 1512 кг гӯшт ва 14517 литр шир супориданд. Бо мақсади таъмин намудани чорвои ферма 7120 дона пресси алафи табиӣ 134830 кг коҳи гандум, 26 570 пресси коҳи ҷав ва 63 525 кг сенаж захира карда шудааст.

Корхонаи воҳиди давлатии “Хоҷагии ёрирасон”-и Гвардияи миллӣ аз аввали сол қисмҳои ҳарбиро бо картошкаву пиёз, помидору бодиринг, сабзиву карам, боимҷону булғорӣ ва меваву полезиҳо таъмин намудааст. Аз рӯи ҳисоби умумӣ танҳо то 1 октябри соли равон Хоҷагии ёрирасони Гвардияи миллӣ қисмҳои ҳарбиро бо 268 тонна сабзавот, 37 тонна мева таъмин кардааст. Айни замон дар заминҳои хоҷагӣ маҳсулот фаровон буда, ҷамъоварии шалғам, сабзӣ, карам, лаблабу идома дорад ва он то моҳи январ барои серғизо кардани хӯроки ҳайати шахсӣ истифода мешавад.

Ғайр аз ин хоҷагидорон боимҷону булғорӣ, помидор ва кабудиҳои гуногунро хушк кардаанд, ки дар фасли зимистон на танҳо хӯроки ҳайати шахсиро хуштаъму босифат мегардонад, балки барои саломатӣ аз ҳар ҷиҳат фоиданок аст. Айни замон Корхонаи воҳиди давлатии “Хоҷагии ёрирасон” ба ҷамъоварии кишти такрорӣ ва тайёр намудани заминҳо ба кишти тирамоҳӣ машғул мебошанд.

Бояд қайд намоем, ки таъминоти озуқаворӣ барои ҳайати шахсии Гвардияи миллӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷкиистон дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст.

Хайринисо КОМИЛЗОДА

# Сулҳ-роҳи наҷоти олам

Терроризм идеологияи зӯроварӣ ва амалияи таъсиррасонӣ ба ҷомеа мебошад. Ҳоло мо дар шароити басо пуртазоду душвори сартосарии олам қарор дорем. Вазъи кунунии давлати Афғонистон ба ҳамагон маълум аст. Боиси таассуф аст, ки ин давлат макони гурӯҳҳои бадандешу бадхоҳ, террористону ифротгароён ва даҳҳо гурӯҳҳои манфиатҷӯ гардидааст, ки барои ҷомеа ва давлатҳои дигар хатари ҷиддӣ дорад. Ҷаҳони имрӯза ва махсусан ҳолати тезу тунди муносибати кишварҳои олам пешгӯинашаванда дониста мешавад. Натиҷаи ба мусолиҳа наомадани кишварҳо ба он оварда мерасонад, ки амалҳои даҳшатовари террористӣ аз ҷониби худи намояндагони кишварҳо анҷом дода мешавад. Вазъи феълии давлати Фаластину Изроилро дар як гӯшаи Ховари Миёна метавон амалҳои ғайриинсонӣ баҳо дод. Дар ин ду кишвар вазъият то ба ҷое расидааст, ки чашми мардум фақат тарсу даҳшат, таркишу вайронкориро мебинаду халос.

Хушбахтона, дар Тоҷикистони соҳибистиқлол фазои ором, сулҳу амният ҳукмфармост. Ҳукумати Ҷумҳурӣ барои пешрафти соҳаҳои хоҷагии халқ тадбирҳои зарурӣ меандешад. Ин ҳама пешравиҳо ба чашми бадхоҳону нотавонбинони миллати тоҷик чун хор меҳалад. Онҳо аз ҳар гуна имкониятҳо истифода бурда, меҳоҳанд дар ҷомеаи Тоҷикистон бесарусомониро чун солҳои аввали соҳибистиқлолӣ роҳандозӣ намоянд. Азбаски ҷавонон қисми бештари аҳолии кишвар маҳсуб меёбанд, намояндагони гурӯҳу равияҳои ифротгароӣ мекӯшанд, маҳз онҳоро ба тори макри худ печонида гиранд.

Дар ин радиф ҷавононро бедордилу ватандӯстро лозим аст, ки дифрефтаи ҳар гуна дурӯғу ваъдаҳои ин гуна ҳаракату равияҳо нашуда, худро аз онҳо дур гиранд. Ҳар ҷавон бояд дар хотир дошта бошад, ки осоиштагии ҳаёти имрӯзаи мо ба осонӣ ба даст намодааст. Ва вазифаи ҳар як ҷавони бонангу номус аст, ки бахри пойдориву таҳкими чунин рӯзҳои нек саҳми арзанда дошта бошад.

Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, ки дар ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа мегарданд, дар баробари аҳамияти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ доштан, ҳамчун аҳамияти махсуси ахлоқиву тарбиявӣ доранд.

Сарвари давлат дар ҳар як паём ба ҷавонон муроҷиат намуда, онҳоро барои ҳифзи Ватан, истиқлолияти давлатӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, худшиносиву худогоҳӣ, бархурдор будан аз дастовардҳои илму фарҳанги ҷаҳонӣ, донишандӯзӣ, донистани технологияи навтарин, интихоби касбу ҳунарҳои муосир даъват мекунанд. Инчунин онҳоро аз зуҳуроти номатлуби зишти ҷаҳони муосир огоҳ менамоянд.

Ҳамин тавр, дар шароити кунунӣ ҳисси баланди ватандӯстиву ватанпарастӣ ва худшиносиву худогоҳӣ доштани шаҳрвандон хеле муҳим мебошад. Мо халқи шарафманди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба қадри сулҳу ваҳдати миллӣ ва амнияту осудагӣ дар кишварамон бирасем ва дар атрофи Пешвои муаззами миллат муттаҳид бошему ба халқу Ватан содиқона хизмат намоем.

Майори гвардия
Саидато ШАРИПОВ,
муовини командири қисми
ҳарбии 051062 оид ба корҳои
сиёсӣ-тарбиявӣ

## 9 ноябр – рӯзи ёдбуди Муҳаммад Иқбол

*Қуввати Мағриб* на аз чангу рубоб,*
*Не зи рақси духтарони беҳиҷоб.*

*Не зи сеҳри соҳирони лоларӯст,*
*Не зи урёнсоқу не аз қатъи мӯст.*

*Маҳкамӣ ӯро на аз лодинӣ* аст,*
*Не фурӯғаш аз хати лотинӣ аст.*

*Қуввати Афранг* аз илму фан аст,*
*Аз ҳамин оташ чароғаш равшан аст.*

*Ҳикмат аз қатъу буриди ҷома нест,*
*Монеи илму ҳунар аммома* нест.*

*Илму фанро, эй ҷавони шӯхшанг,*
*Мағз мебояд, на малбуси* Фаранг.*

*Андар ин раҳ ҷуз нигаҳ матлуб нест,*
*Ин кулаҳ ё он кулаҳ матлуб нест.*

*Фикри ҷолоке агар дорӣ, бас аст,*
*Табъи дарроке агар дорӣ, бас аст!*

***Мағриб - Аврупову Амрико**
***лодинӣ - бединӣ**
***Афранг - Аврупо**
***аммома - салла, дастор**
***малбус - либос**

Муассис:
Гвардияи миллии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

сомонаи расмӣ: www.gmjt.tj
E-mail: gmjt.info.tj@mail.ru

Оғози нашр:
25 январи соли 2006

**Ҳайати таҳрир:**
Сардори шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеа полковники гвардия Хайринисо Комилзода, Неъматуллои Холиқ, Саодат Сатторова - хабарнигорон.

**Мушовирон:**
Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти гвардия Бобоҷон Ҷамолзода, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ, муовини раиси Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Рудобаи Мукаррам.

Идораи моҳнома ба андешаҳои муаллифони маводҳо на ҳама вақт ҷонибдор аст. Масъулияти саҳеҳии санаду иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст. Маводҳо аз АМИТ «Ховар» истифода шуданд.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 706 аз 20 январи соли 2006 ба қайд гирифта шудааст.

**Дизайн: А. Насриддинов**

**Суратгир: М. Шоев**

Адади нашр: 500 нусха